# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, (Данғара, 2026-219саҳ.).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули бозори суғурта ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими низоми молиявии кишвар тадриҷан инкишоф меёбад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта на танҳо ба таъмини ҳифзи манфиатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, балки инчунин ҳамчун воситаи муҳими коҳиши хавфҳои иқтисодӣ ва таъмини устувории фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ баромад менамояд. Бо вуҷуди ин, сатҳи рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ба талаботи иқтисоди муосир пурра ҷавобгӯ нест, ки ин, пеш аз ҳама, бо номукаммалии танзими ҳуқуқӣ ва мавҷудияти як қатор мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Дар шароити муосир қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти суғуртавӣ ба такмил ва ҳамоҳангсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ниёз

дорад. Махсусан, масъалаҳои марбут ба танзими фаъолияти соҳибкорони суғуртавӣ, литсензиядиҳӣ, назорати давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқи суғурташавандагон ва таъмини шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ҳанӯз ба таври кофӣ пурра ва системавӣ танзим нагардидаанд. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи илмии амиқ ва пешниҳоди роҳҳои такмили қонунгузориро ба миён меорад.

Илова бар ин, раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ ба бозори суғурта таъсири назаррас расонида, шаклҳои нави хизматрасонӣ, аз ҷумла суғуртаи электронӣ ва платформаҳои рақамиро ба вуҷуд овардааст. Ин равандҳо талаб менамоянд, ки низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба тағйироти нави иқтисодӣ ва технологӣ мутобиқ карда шавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он барои нахустин дар илми ҳуқуқи Тоҷикистон таҳқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта дар шароити ислоҳоти навини қонунгузорӣ (солҳои 2023-2025) ва рақамисозии низоми молиявӣ анҷом дода шудааст.

1. Таърифи мукаммали ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди мустақили соҳибкорӣ пешниҳод карда шудаат.

2. Мушкилоти мушаххаси Тоҷикистон дар танзими суғурта пас аз ислоҳоти назоратии солҳои 2023-2025 муайян карда шудааст.

3. Зарурати ҷудо намудани суғуртаи киберӣ ва суғуртаи гурӯҳӣ ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ассоснок карда шудааст.

4. Комплекси чораҳои ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузорӣ пешниҳод гардидааст.

5. Тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҳолатҳои ҳодисаҳои суғуртавӣ ва радди пардохт коркард шудааст.

6. Таҳлили муқоисавӣ таҷрибаи бойи кишварҳои хориҷа (Русия, Қазоқистон, Украина, Олмон, Фаронса) ва пешниҳоди роҳҳои мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ бо аломатҳои асосии зерин эътироф карда мешавад: мустақилият (озодии бастани шартномаҳо); бонизомӣ ва доимӣ будани фаъолият; таваккалӣ (қабули хатарҳои суғуртавӣ аз ҷониби суғуртакунанда); мақсади гирифтани фоида (даромаднокӣ). Хусусияти асосии он дар он зоҳир мешавад, ки таваккал на ҳамчун омили берунӣ, балки ҳамчун объекти мустақими фаъолият баромад карда, муносибатҳои суғуртавиро ба категорияи муносибатҳои алеаторӣ (таваккалӣ) табдил медиҳад.

2. Шартномаҳои суғурта дар соҳаи соҳибкорӣ дорои аломатҳои умумии шартномаҳои маданӣ ва хусусиятҳои хоси соҳавӣ (алеаторӣ, ҷубронӣ, ҳимоявӣ–пешгирӣ) мебошанд. Дар муносибатҳои соҳибкорӣ онҳо на танҳо ҳимояи молу мулк, балки ҳимояи натиҷаи ниҳоии фаъолият – фоида, даромад, устувории иқтисодӣ ва қобилияти рақобатро таъмин менамоянд. Дар шароити муосир зарурати ҷорӣ намудани зернамудщои шартномаи суғуртаи киберӣ, суғуртаи гурӯҳӣ ва корпоративӣ, суғуртаи масъулияти экологӣ ва масъулияти маҳсулот ҳамчун намудҳои мустақили суғурта дар қонунгузории миллӣ ба миён омадааст. Ин намудҳои суғурта ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки дар шароити афзоиши хавфҳои технологӣ ва рақамӣ, инчунин талаботи экологӣ ҳимояи зарурӣро ба даст оранд.

3. Мушкилҳои калидии ҳуқуқӣ ва амалие, ки танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи Тоҷикистонро мураккаб мегардонанд, аз инҳо иборатанд: норасоии воситаҳои муассири ҳимояи ҳуқуқии шахсони суғурташуда ва соҳибкорон дар ҳолатҳои рад шудани пардохтҳо ё

таъхирҳои тӯлонӣ дар ҷуброни зарарҳо; сатҳи пасти шаффофият ва маҳдудияти дастрасӣ ба маълумотҳои дақиқ дар доираи ин бозор;ҳамоҳанг набудани талаботҳои капиталӣ ва назорати хавфҳо бо стандартҳои байналмилалӣ; заифии низоми ҳалли баҳсҳои ғайрисудӣ ва маҳдудияти рақобат дар бозор; камбуди қонунгузории махсус оид ба суғуртаи таваккали соҳибкорӣ ва суғуртаи мутақобила дар шароити Тоҷикистон.

4. Роҳҳои асосии такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта инҳоянд: ислоҳи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» бо муқарраароти нав оид ба талаботҳои капиталӣ, идоракунии хавфҳо ва ҳимояи истеъмолкунандагон; таъсиси низоми кафолати пардохтҳои суғуртавӣ; ҳамоҳангсозии талаботҳои назоратӣ бо стандартҳои Solvency II ва IFRS 17; рушди рақамисозӣ ва платформаҳои электронӣ барои бастани шартномаҳо ва ҳисоботдиҳӣ; тақвияти ҳимояи ҳуқуқии соҳибкорон ҳамчун суғурташавандагон дар намудҳои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии таваккали соҳибкорӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Тамоми дастовардҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки муаллиф андешаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ низ барои хонандагон манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисола, махсусан нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоси кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти рисоларо корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти рисоларо усулҳои диалектикии дарк, усулҳои умумиилмӣ ба монанди таҳлил, синтез, ҷамъбаст, инчунин

усули таҳлили қисматҳо, усули мушоҳида ва тафсири бевосита ташкил медиҳанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссетратсия.** Диссертатсияи мазкур вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва руйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 219 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Дар боби аввал – **"Ҷанбаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта"** масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: заминаи ҳуқуқӣ ва мафҳуми ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ; аломатҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои ҳуқуқии шартномаҳои суғурта ҳамчун объекти муносибатҳои соҳибкорӣ.

Муаллиф дар боби дуюм – **"Танзими давлатӣ ва мушкилотҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта"** чунин масъалаҳоро таҳлил намудааст: шаклҳо ва механизмҳои ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғурта; мушкилоти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа дар ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкорон дар соҳаи суғурта.

Дар боби сеюм – **"Роҳҳои такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғуртаи ҷумҳурии тоҷикистон"** масъалоҳои зерин баррасӣ карда шудаанд: механизмҳои ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар бозори суғурта; пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмини устувории фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори суғурта.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқот ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, такмил додани қонунгузории суӯуртавӣ мусоидат менамояд, ки барои рушди иқтисодии Тоҷикистон ва афзоиши сармояи хориҷӣ аҳамияти калон дорад.

Махсусан, муаллиф нуқтаҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ асос мегузорад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар раванди таълим ҳангоми машғулиятҳои дарсӣ аз фанни ҳуқуқи суғуртавӣ, маданӣ, ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода бурд. Инчунин маводҳои диссертатсионӣ метавонанд зимни таҳқиқоти дигари илмӣ, ки ба мавзуи танзими ҳуқуқии фаъолияти суғуртавӣ, мавриди корбарӣ қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллиф корҳои муҳими илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ мунташир намудааст. Муаллиф дар маҷмӯъ 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тасдиқшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, таҳти №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи банди 84 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзёбии мусбати баёншуда дар тақриз, дар диссертатсияи мазкур баъзе нуқсонҳо, нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба мавридҳои зерин ишора кард:

1. Диссертатсияи мазкур, ки бевосита ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, муаллифи он ба масъалаи қоидаҳои суғуртаи ташкилотҳои суғуртавӣ диққати зарурӣ надодааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки ташкилотҳои суғуртавие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд вобаста ба ҳар як намуди суғурта қоидаҳои суғуртавии худро доро буда, онҳоро ҳамчун қисми таркибии ин ё он шартномаи суғуртавии мустаҳкам менамоянд. Мазмуни чунин қоидаҳои суғуртавӣ васеъ буда, танзими аксари муносибатҳои суғуртавиро дар бар мегирад. Аммо, дар кори мазкур дида намешавад, ки муаллиф ин ё он қоидаи суғуртавии ташкилотҳои суғуртавии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро баррасӣ намуда, ҳолатҳои мусбӣ ва манфии онҳоро таҳлил намудааст. Хуб мебуд, ки диссертант қоидаи суғуртавии якчанд ташкилотҳои суғуртавиро вобаста ба як намуди суғурта баррасӣ намуда дар онҳо якрангӣ ё фарқиятгузорӣ ва мутобиқатии онҳоро бо қонунгузории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месохт.

2. Муаллиф дар саҳифаи 146 рисола муҳиямияти суғуртаи хатарҳои киберӣ гуфта қайд менамояд, ки дар шароити афзоиши ҳамлаҳои киберӣ ва талафоти маълумот суғуртаи киберӣ барои ҳимояи молиявӣ ва обрӯи корхонаҳо муҳим мешавад. Аз ин ҷо аз муаллиф пурсида мешавад оё институти суғуртанамоӣ фуксияи барқароркунӣ ё ҳамчуни механизми ҳуқуқии ҳимояи обрӯи субъекти ҳуқуқи маданӣ баромад менамояд?

Камбудиҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, ба нуқтаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Нуруллозода Алӣ Нурулло дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, тасдиқшуда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, мутобиқат дорад. Муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Сидиқов Д.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нусратулло Махсум, Бинои 71/1, хонаи 27. Тел.: (+992) 918-97-19-91. E-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru

«Имзои Д.А. Сидиқов – ро тасдиқ мекунам»:
Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru 10. 06. 2026